Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
ҚАРОР
Правительство Республики Таджикистан
ПОСТАНОВЛЕНИЕ

аз 1 майи соли 2020 №254
ш. Душанбе

Дар бораи Қоидаҳои қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мутобиқи моддаи 17 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва моддаи 57 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р  м е к у н а д:

1.Қоидаҳои қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ иҷрои қоидаҳои қабули мазкуорро таъмин намоянд.

3.Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2015, №428 «Дар бораи Қоидаҳои қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз эътибор соқит дониста шавад.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон
Эмомалӣ Раҳмон

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 1 майи соли 2020,
№254 тасдиқ шудааст

# Қоидаҳои
# қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.Қоидаҳои қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Қоидаҳо) бо мақсади дастгирӣ ва ҷалби духтарону писарони деҳоти дурдасти шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифату фарҳанги онҳо, таъмини минтақаҳо бо мутахассисони соҳибихтисос ва ба низом даровардани раванди қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст.

2.Қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол мутобиқи нақшаи тасдиқнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар асоси дархостҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегардад, ба роҳ монда мешавад.

3.Барои муайян ва пешниҳод кардани ихтисосҳои зарурии мутобиқ ба маҳал ҷиҳати қабул ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо масъул мебошанд.

4. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамоҳангӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо макон ва замони баргузории озмунҳоро аз ҷониби комиссияҳои озмунӣ муайян карда, раванди баргузории онҳоро зери назорат мегирад.

## 2. ТАРТИБИ БАРГУЗОРИИ ОЗМУНИ ҚАБУЛИ ДОВТАЛАБОН ТИБҚИ КВОТАИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

5.Қабули довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тариқи озмун дар се давр гузаронида мешавад.

6. Иштироки довталабон барои қабул ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси ҳуҷҷатҳои зерин амалӣ мегардад:

- қарори шӯрои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;

- маълумотнома бо табели пешрафт бо имзо ва муҳри роҳбари муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ;

- маълумотномаи тиббии шакли №038;

- 6 адад акс (андозаи 3х4 см);

- нусхаи шиноснома ё ҳуҷҷати дигари тасдиққунандаи шахсият;

- шаҳодатномаи қайди даъватшаванда (барои писарон);

- тавсияи раёсат ё шуъбаи маорифи шаҳру ноҳияи дахлдор;

- роҳхати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр ё ноҳия.

7.Барои иштирок дар ҳамаи даврҳо ҳуҷҷатҳои зикршуда як бор пешниҳод мегарданд ва дар даврҳои минбаъда истифода карда мешаванд.

8.Даври якуми озмуни қабули довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистондар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси фармоиши мудир (сардор)-и шуъба (раёсат)-и маорифи ноҳия (шаҳр) бо иштироки на кам аз се довталаб барои ҳар як ихтисоси пешниҳодшуда баргузор мегардад.

9.Комиссияи даври якуми озмун аз ҳисоби омӯзгорони муассисаи таҳсилоти умумӣ, намояндагони кабинети методӣ ва шуъба (раёсат)-и маорифи ноҳия (шаҳр) дар асоси фармоиши мудир (сардор)-и шуъба (раёсат)-и маорифи ноҳия (шаҳр) таъсис дода мешавад.

10.Ғолибони даври якуми озмун аз муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба миқдори на зиёда аз шаш довталаб аз рӯи ҳар як ихтисос барои иштирок дар даври дуюми озмун ҳуқуқ пайдо мекунанд.

11.Даври дуюми озмуни қабули довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки ғолибони даври якуми озмун барои ҳар як ихтисоси пешниҳодшуда дар асоси фармоиши мудир (сардор)-и шуъба (раёсат)-и маорифи ноҳия (шаҳр) дар сатҳи ноҳия (шаҳр) баргузор мегардад.

12.Комиссияи даври дуюми озмун аз ҳисоби намояндагони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия (шаҳр) ва шуъба (раёсат)-и маориф, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси фармоиши мудир (сардор)-и шуъба (раёсат)-и маорифи ноҳия (шаҳр) таъсис дода мешавад.

13.Саволномаҳо барои даврҳои якум ва дуюми озмун аз фанҳои таълимии дахлдор тибқи талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти умумӣ аз тарафи кабинети методии шуъба (раёсат)-и маорифи ноҳия (шаҳр) таҳия карда мешаванд. Барои ошкор накардани мундариҷаи саволномаҳо ва бехатарии иттилоот мудир (сардор)-и шуъба (раёсат)-и маорифи ноҳия (шаҳр) масъул мебошад.

14.Комиссияи даври дуюми озмун дар асоси натиҷаи озмуни ин давр ба ҳар як ҷойи пешбинишуда ҳуҷҷатҳои то шаш довталаби ғолибро ба комиссияи даври сеюм пешниҳод менамояд.

15.Даври сеюми озмун аз ҷониби комиссияи ҷумҳуриявие, ки аз ҳисоби намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тибқи фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис меёбад, гузаронида мешавад.

16.Озмуни қабули довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даври сеюм дар асоси саволномаҳои тестӣ (хаттӣ), ки аз рӯи гурӯҳи ихтисосҳо (кластер) бо забони давлатӣ аз ҷониби Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷалби мутахассисони фаннӣ ва таъсиси гурӯҳҳои корӣ барои ҳар як ихтисоси ҷудошуда дар доираи барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳия ва тасдиқ мегарданд, гузаронида мешавад.

17.Саволномаҳо аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик, забон ва адабиёти рус ва забонҳои хориҷӣ (англисӣ, олмонӣ, франсавӣ, арабӣ ва ғайра) мувофиқан бо ҳамон забон таҳия карда шуда, ҷавобҳо танҳо дар шакли хаттӣ пешниҳод карда мешаванд.

18.Нашри варианти ниҳоии саволнома бо дарназардошти гурӯҳи ихтисосҳо (кластер), шумораи довталабони пешниҳодшуда ва забони саволнома ба таври ғайриошкоро бо таъмини бехатарии иттилоот мувофиқи тартиби муқарраркардаи Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мешавад.

19.Бо довталабони даври сеюм вобаста ба равия ва ихтисоси интихобкардаашон аз фанҳои таълимии зерин озмун гузаронида мешавад:

- кластери 1 (табиӣ-техникӣ) аз фанҳои таълимии забони тоҷикӣ, математика ва физика;
- кластери 2 (иқтисод ва география) аз фанҳои таълимии забони тоҷикӣ, математика ва география;
- кластери 3 (филология, педагогика ва санъат) аз фанҳои таълимии забони тоҷикӣ, таърих ва забони хориҷӣ;
- кластери 4 (ҷомеашиносӣ ва ҳуқуқ) аз фанҳои таълимии забони тоҷикӣ, таърих ва ҳуқуқи инсон;
- кластери 5 (тиб, биология ва варзиш) аз фанҳои таълимии забони тоҷикӣ, химия ва биология.

20.Довталабоне, ки барои ихтисосҳои соҳаҳои санъат, меъморӣ, дизайн, дин ва варзиш иштирок мекунанд, аз озмуни маҳорат низ мегузаранд.

21.Ба ҳар як довталаб 15 савол (5 савол аз ҳар як фанни таълимӣ) пешниҳод карда мешавад.

22.Довталаб танҳо дар сурати пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият (шиноснома ё ҳуҷҷати дигари тасдиққунандаи шахсият бо акс, ки мақоми ваколатдори давлатӣ додааст) ҳуқуқи дар озмун иштирок карданро дорад.

23. Муҳлат барои ҳалли саволномаҳои пешниҳодгардида то як соат муайян гардида, ҷавобҳо дар шакли хаттӣ қабул карда мешаванд.

24. Раис ва аъзои комиссияи даври сеюм то оғози озмун довталабонро аз тартиби баргузории озмун, қоидаҳои ҳалли саволнома, муҳлати ҷудошуда, тартиби пешниҳод ва баррасии аризаи шикоятӣ, асосҳои хориҷ шудани довталаб аз ҷараёни озмун ва дарёфт кардани маълумот дар бораи натиҷаҳои он огоҳ месозанд.

25.Дар вақти озмун барои довталабон гуфтугӯ ва (ё) кумак ба якдигар ҳангоми ҳалли саволнома, иваз кардани ҷойи нишаст ва саволнома, варақаҳои ҷавоб ва ҳар гуна навиштаҷот бо якдигар, рафтуомад дар синфхона ва (ё) бе иҷозати раиси комиссияи даври сеюм берун баромадан аз он, истифода аз маводи иттилоотиву ёрирасон, бо худ доштан ва истифода намудан аз воситаҳои алоқа (аз ҷумла телефони мобилӣ), маводи ислоҳкунӣ (штрих), анҷом додани ҳар амале, ки хилофи тартиби муқарраргардидаи баргузории озмун аст, манъ мебошад (ба истиснои калкулятор).

26.Қайду навиштаҳо дар сиёҳнавис ба назар гирифта намешаванд ва мувофиқан мавриди санҷиш ва баҳогузорӣ қарор намегиранд.

27.Дар ҳолати дар вақти озмун ошкор шудани истифодаи ашё ва маводи манъкардашуда, воситаҳои алоқа ва (ё) иҷрои амали дигаре, ки тартиби баргузории озмунро вайрон менамояд, раиси комиссияи даври сеюм метавонад довталабро аз синфхона берун карда, дар хусуси хориҷкунии довталаб аз озмун санад тартиб диҳад ва қарори дахлдор қабул намояд.

28.Комиссияи даври сеюми озмун дар рӯзи баргузории озмун дар асоси саволномаҳои хаттӣ аз рӯи фанҳои мувофиқ ба равия ва самти ихтисос сатҳи дониши довлатабонро муайян мекунад ва баъди санҷиши корҳои довталабон ҳамон рӯз ба довталабон натиҷаи холҳои бадастовардаро эълон менамояд. Довталабе ғолиб дониста мешавад, ки ба бештари саволҳо ҷавоби дуруст пешниҳод намудааст.

29.Даври сеюми озмун дар синфхонаҳое баргузор мегардад, ки бо таҷҳизоти сабти навор муҷаҳҳаз гардонида шудаанд ва дар ҷараёни баргузории он падару модари довталаб (шахсони онҳоро ивазкунанда), бе халал ворид кардан ба рафти қабул, метавонанд иштирок намоянд.

30.Протоколи даври сеюми озмун, ки аз ҷониби комиссияи даври сеюм тартиб дода мешавад, ҳуҷҷати расмӣ барои қабули довталаб ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба ҳисоб меравад (замима карда мешавад).

31.Дар ҳолати баробар будани сатҳи дониши довталабон, бартарӣ ба ятимони кул ва маъюбони гурӯҳҳои 1 ва 2, ки мувофиқи хулосаи Хадамоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсили онҳо аз рӯи ихтисосҳои интихобкардаашон манъ карда нашудааст (тибқи пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ), дода мешавад.

32.Духтарони деҳоти дурдасти шаҳру ноҳияҳо ҳангоми натиҷагирӣ аз баргузории озмуни қабули довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба духтарони маркази ин шаҳру ноҳияҳо бартарӣ доранд. Дар сурати ба

даст овардани холҳои баробар ҳангоми озмун барои дохил шудан ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бартарӣ ба духтаре дода мешавад, ки аз маркази ноҳия (шаҳр) дар масофаи дуртар зиндагӣ мекунад.

33.Дар сурати холҳои баробар ба даст овардани писарон зимни баргузории даври сеюми озмун барои муайян намудани ғолиб комиссияи озмуни даври мазкур ба онҳо саволҳои иловагӣ пешниҳод менамояд.

34.Ҳар як довталаби озмун ҳуқуқи иштирок аз рӯи як ихтисос ва дар доираи як муассисаи таҳсилоти олии касбиро дорад. Ба довталабе, ки натиҷаи заруриро ба даст намеорад, барои иштирок аз рӯи ихтисоси дигар иҷозат дода намешавад.

35.Барои иштирок дар озмуни қабули довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо шаҳрвандоне ҳуқуқ доранд, ки ҳамон сол муассисаи таҳсилоти миёнаи умумиро хатм намудаанд. Шахсоне, ки муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро солҳои қаблӣ хатм кардаанд, донишҷӯён ва хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ҳуқуқи иштирок кардан дар озмуни қабули довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро надоранд.

36.Дар сурати холӣ мондани квота бо дарназардошти номутобиқатии ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардида ва ё нагузаштани довталабони пешниҳодшуда аз даври сеюм, баргузории даври такрорӣ танҳо бо шарти ҳайати нави довталабон ва аз нав гузаронидани даврҳои якум ва дуюми озмун амалӣ карда мешавад.

37.Тағйир додани ихтисосҳои муқарраршуда ва ё ба ноҳия (шаҳр)-и дигар гузаронидани квотаи муайяншуда манъ аст.

38.Довталабоне, ки (ба истисноӣ ҳолатҳои мушаххаси хизматӣ) ду соли охир аз шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Бохтар ва Хоруғ ба шаҳру ноҳияҳои дигар рафта, синфҳои 10 ва 11 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ин шаҳру ноҳияҳоро хатм намудаанд, ба озмуни қабули довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳ дода намешаванд.

39.Довталаб, дар сурати норозӣ будан аз натиҷаи қабул, дар давоми 10 рӯз баъд аз эълони натиҷаҳои озмун ҳуқуқ дорад ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аризаи шикоятӣ пешниҳод намояд.

40. Бо фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба баррасии аризаҳои шикоятӣ комиссияи корӣ таъсис дода шуда, аризаҳои шикоятии довталабон сари вақт баррасӣ карда мешавад.

41.Комиссияи корӣ дар давоми ҳафт рӯз аз натиҷаи баррасии ариза ба довталаб маълумот пешниҳод менамояд.

42.Дар сурати ба қарори комиссияи корӣ норозӣ будан, довталаб ҳуқуқи ба мақомоти судӣ муроҷиат карданро дорад.

## 3. ТАРТИБИ БАРАСМИЯТДАРОРИИ ҚАБУЛИ ДОВТАЛАБОН ТИБҚИ КВОТАИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ

43. Довталабоне, ки тибқи хулосаи комиссияи даври сеюми озмуни қабул ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ғолиб дониста шудаанд, бояд то 15 август илова ба ҳуҷҷатҳои дар банди 6 Қоидаҳои мазкур номбаршуда аттестат ва замимаи онро ба комиссияи қабули муассисаи таҳсилоти олии касбӣ пешниҳод намоянд. Дар мавриди то муҳлати мазкур пешниҳод накардани ҳуҷҷатҳо ба комиссияи қабул, довталаб ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ қабул карда намешавад. Масъулияти пешниҳоди саривақтии ҳуҷҷатҳо ба дӯши довталаб вогузор карда шуда, барои мусоидат раёсати (шуъбаи) маорифи ноҳия (шаҳр) масъул мебошад.

44.Ғолибони даври сеюми озмуни қабули довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқи иштирок дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавиро тавассути Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байналмилалӣ» надоранд. Дар сурати иштирок кардан, натиҷаи имтиҳонҳои супоридаи онҳо беэътибор дониста мешавад.

45.Фармоишҳои роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ оид ба қабули довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ дар асоси протоколи ҷамъбасти озмуни қабули довталабон тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегардад, то 20 август қабул карда мешаванд.

46.Муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ то 25 август оид ба натиҷаи қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумотномаи хаттӣ пешниҳод менамоянд.

47.Натиҷаи қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи октябр дар ҷаласаи мушовараи васеи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки намояндагони Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳое, ки дар сохторашон муассисаи таҳсилоти олии касбӣ доранд, баррасӣ карда мешавад.

48.Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ҷамъбасти натиҷаи қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи мушовараи васеи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи муфассал пешниҳод менамояд.

## 4. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

49. Фаъолияти таълимию тарбиявӣ ва ҷамъиятии донишҷӯёне, ки ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудаанд, дар ҷаласаи шӯрои олимони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамасола муҳокима гардида, барои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта аз ҷониби муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ чораҳои мушаххас андешида мешавад.

50. Вазъи таълим ва шароити зисти донишҷӯёне, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил мекунанд, зери таваҷҷуҳи доимии роҳбарияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва вазорату идораҳое, ки дар сохторашон муассисаи таҳсилоти олии касбӣ доранд, қарор мегирад.

51. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ баъди ҷамъбасти ҳар як сессияи санҷишӣ-имтиҳонӣ оид ба фаъолияти донишҷӯёне, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил менамоянд, ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумотномаи хаттӣ пешниҳод менамоянд.

52. Довталабоне, ки ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудаанд, ба истиснои ҳолатҳои дар банди 53 Қоидаҳои пешбинигардида, танҳо дар шуъбаи рӯзона таҳсил намуда, ҳуқуқи гузаштан аз як муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба муассисаи дигари таҳсилоти олии касбӣ, аз як ихтисос ба ихтисоси дигарро надоранд.

53. Ба донишҷӯёне, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил мекунанд, дар ҳолатҳои бесаробон мондани оила, тағйир ёфтани макони зист ҳангоми таҳсил, барпо намудани оила танҳо барои духтарон, таваллуди кӯдак ва бо пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиққунанда (аз курси 2-юм) барои гузаштан ба шуъбаи таҳсилоти фосилавии мувофиқ ба ихтисос дар дохили муассисаи таълимӣ ва дар ҳолати зарурат интиқоли онҳо ба муассисаи таҳсилоти олии касбӣ наздик ба макони зист мувофиқ ба ихтисос (ба таври истисно) дар мувофиқа бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ амалӣ карда мешавад. Донишҷӯи ихтисоси омӯзгорӣ пас аз интиқол ба шуъбаи таҳсилоти фосилавӣ бояд дар макони зисти худ бо фаъолияти омӯзгорӣ машғул шавад.

54. Тартиби ба ҷои кор ҳозиршавӣ, бо ҷои кор таъмин намудан, бастани қарордоди сеҷониба, ҳуҷҷати намунаи давлатӣ оид ба хатми муассиса бо донишҷӯёне, ки муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳуриро тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хатм намудаанд ва ҳолатҳои дигари вобаста ба он тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор амалӣ карда мешаванд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
ҚАРОР
Правительство Республики Таджикистан
ПОСТАНОВЛЕНИЕ

аз 1 мая 2020 года №254
г. Душанбе

О Правилах приема студентов в учреждения высщего профессионального образования республики в соответствиии с квотой Президенти Республики Таджикистан

В соответствии со статей 17 коститутционного Закона Республики Таджикистан «О Правительстве Республики Таджикистан» и статьей 57 Закона Республики Таджикистан «О нормативных правовых актах» Превительство Республики Таджикистан п о с т а н о в л я е т:

1.Утвердить Правила приёма студентов в учреждения высщего профессионального образования республики по квоте Президента Республики Таджикистан (прилагается).

2.Министерству образования и науки Республики Таджикистан, Министерству экономического развития и торговли Республики Таджикистан, местным испольнительным органам государственной власти и учреждениям высщего профессионального образования республики обеспечить выполнения настоящих правил приёма.

3.Признать утратившим силу постановление Правительства Ревпублики Таджикистан от 2 июля 2015 года, №428 «О правилах приёма студентов в учреждения высшего профессионального образования республики в соответстви с квотами Президента Республики Таджикистан».

Председатель
Правительства Республики
Таджикистан
Эмомалӣ Раҳмон

Утвержден
постановлением Правительства
Республики Таджикистан
от 1 мая 2020 года, №254

Правила
приёма студентов в учреждения высшего профессионального образования республики по квоте Президента Республики Таджикистан

## 1. ОБЩИЕ ПОЛОЖЕНИЯ

1. Правила приёма студентов в учреждения высшего профессионального образования республики по квоте Президента Республики Таджикистан (далее - Правила) разработаны с целью поддержки и привлечения девушек и юношей из отдалённых сел городов и районов республики в учреждения высшего профессионального образования, повышения уровня их образованности и культуры, обеспечения регионов высококвалифицированными специалистами и упорядочения процесса приёма студентов в учреждения высшего профессионального образования республики по квоте Президента Республики Таджикистан.

2. Приём студентов в учреждения высшего профессионального образования по квоте Президента Республики Таджикистан осуществляется ежегодно в соответствии с планом, утверждённым Правительством Республики Таджикистан, представленным Министерством экономического развития и торговли Республики Таджикистан на основании заявок исполнительных органов государственной власти городов и районов.

3. Ответственность за определение и представление необходимых специальностей, соответствующих региону, с целью приёма студентов в учреждения высшего профессионального образованияреспублики по квоте Президента Республики Таджикистан несут исполнительные органы государственной власти городов и районов.

4. Министерство образования и науки Республики Таджикистан в координации с исполнительными органами государственной власти городов и районов определяет место и время проведения конкурсов конкурсными комиссиями и контролирует процесс их проведения.

## 2. ПОРЯДОК ПРОВЕДЕНИЯ КОНКУРСА ПО ПРИЁМУ АБИТУРИЕНТОВ ПОКВОТЕ ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

5.Приём абитуриентов в учреждения высшего профессионального образования республики по квоте Президента Республики Таджикистан проводится в рамках учебных программ средних общеобразовательных учреждений по конкурсу в три тура.

6. Участие абитуриентов для приёма в учреждения высшего профессионального образования республики по квоте Президента Республики Таджикистан осуществляется на основании следующих документов:

- решение педагогического совета средних образовательных учреждений;
- справка с табелью успеваемости с печатью и подписью руководителя среднего общеобразовательного учреждения;
- медицинская справка формы №038;
- 6 фотографий (3х4 см);
- копия паспорта или другого документа, удостоверяющего личность;
- приписное свидетельство призывника (для юношей);
- рекомендация управления или отдела образования соответствующего города и района;
- направление исполнительного органа государственной власти города или района.

7. Для участия во всех турах вышеуказанные документы представляются одноразово и используются в последующих турах.

8. Первый тур конкурса по приёму абитуриентов в учреждения высшего профессионального образования республики по квоте Президента Республики Таджикистан проводится на основании распоряжения заведующего (начальника) отделом (управления) образования района (города) в среднем общеобразовательном учреждении с участием не менее трех абитуриентов на каждую представленную специальность.

9. Комиссия первого тура конкурса создается из числа преподавателей общеобразовательного учреждения, представителей методического кабинета и отдела (управления) образования района (города) на основании распоряжения заведующего (начальника) отделом (управлением) образования района (города).

10. Победители первого тура конкурса из средних общеобразовательных учреждений получают право участвовать во втором туре конкурса в количестве не более шести абитуриентов по каждой представленной специальности.

11. Второй тур конкурса приёма абитуриентов в учреждения высшего профессионального образования республики по квоте Президента Республики Таджикистан проводится на уровне района (города) с участием победителей первого тура конкурса по каждой представленной специальности на основании распоряжения заведующего (начальника) отделом (управлением) образования района (города).

12. Комиссия второго тура конкурса создается из числа представителей исполнительного органа государственной власти района (города) и отдела (управления) образования, преподавателей средних общеобразовательных учреждений на основании распоряжения

заведующего (начальника) отделом (управлением) образования района (города).

13. Вопросники для первого и второго туров по учебным дисциплинам составляются согласно требованиям Государственного стандарта общего среднего образования сотрудниками методического кабинета отдела (управления) образования района (города). За неразглашение содержания вопросников и секретность информации несёт ответственность заведующий (начальник) отделом (управления) образования района (города).

14. Комиссия второго тура конкурса на основании результатов данного тура отбирает документы до шести абитуриентов на каждое предусмотренное место и представляет их комиссии третьего тура.

15. Третий тур конкурса проводится республиканской комиссией, создаваемой из числа представителей Исполнительного аппарата Президента Республики Таджикистан, Министерства образования и науки Республики Таджикистан и преподавателей учреждений высшего профессионального образования распоряжением министра образования и науки Республики Таджикистан .

16. Конкурс по приёму абитуриентов в учреждения высшего профессионального образования республики по квоте Президента Республики Таджикистан в третьем туре проводится на основе тестовых (письменных) вопросников, разрабатываемых и утверждаемых на государственном языке по направлениям специальностей (кластеров) Национальным центром тестирования при Президенте Республики Таджикистан с привлечением специалистов-предметников и созданием рабочих групп для каждой отдельной специальности в рамках учебных программ учреждений общего среднего образования.

17. Вопросники по таджикскому языку и литературе, русскому языку и литературе, иностранному языку (английский, немецкий, французский, арабский и т.д.) разрабатываются соответственно на этих языках и ответы представляются только в письменной форме.

18. Издание окончательного варианта вопросника осуществляется с учетом группы специальностей (кластеров), количества представленных абитуриентов и языка вопросника в режиме неразглашения с обеспечением безопасности информации в порядке, установленном Национальным центром тестирования при Президенте Республики Таджикистан.

19. Конкурс с абитуриентами по выбранным направлению и специальности проводится по следующим дисциплинам :

- кластер 1 (естественно-технический) по учебным дисциплинам таджикский язык, математика и физика;
- кластер 2 (экономика и география) по учебным дисциплинам таджикский язык, математика и география;
- кластер 3 (филология, педагогика и искусство) по учебным дисциплинам таджикский язык, история и иностранный язык;

- кластер 4 (обществоведение и право) по учебным дисциплинам таджикский язык, история и права человека;
- кластер 5 (медицина, биология и спорт) по учебным дисциплинам таджикский язык, химия и биология.

20. Абитуриенты, участвующие по специальностям сфер искусства, архитектуры, дизайна, религии и спорта, проходят также конкурс по мастерству.

21. Каждому абитуриенту предлагается 15 вопросов (5 вопросов по каждой учебной дисциплине).

22. Абитуриент имеет право участвовать в конкурсе только при представлении официального документа (паспорта или другого документа удостоверяющего личность) с фотографией, выданного уполномоченным государственным органом.

23. На решение представленных вопросников отводится до одного часа и ответы принимаются в письменной форме.

24. Председатель и члены комиссии третьего тура до начала конкурса уведомляют абитуриента о порядке проведения конкурса, правилах решения вопросника, выделенном времени, порядка представления и рассмотрения апелляционного заявления, основании исключения абитуриента из конкурсного процесса и получения информации о его результатах.

25. Во время приёма абитуриентам запрещается разговаривать или помогать друг другу в решении вопросника, пересаживаться на другое место и менять вопросник, передавать друг другу листы ответов и любые записи, хождение в аудитории и (или) без разрешения председателя комиссии третьего тура выходить из неё, использовать информационно-вспомогательные материалы, иметь с собой и использовать средства связи (в том числе мобильный телефон), штрих (замазку), совершать всякие действия, противоречащие установленному порядку проведения конкурса (за исключением калькулятора).

26. Заметки и записи в черновиках не учитываются, соответственно не проверяются и не оцениваются.

27. В случае обнаружения во время конкурса использования запрещенных предметов и материалов, средств связи и (или) осуществления других действий, которые нарушают порядок проведения конкурса, председатель комиссии третьего тура может вывести абитуриента из класса, составить акт об исключении абитуриента из конкурса и принять соответствующее решение.

28. Комиссия третьего тура в дни проведения конкурса определяет уровень знаний абитуриентов на основании письменных тестовых вопросников по дисциплинам соответствующих направлений и специальностей и после проверки работ абитуриентов в тот же день объявляет абитуриентам результаты набранных баллов. Победителем признается абитуриент, который представил правильные ответы на большее количество вопросов.

29.Третий тур конкурса проходит в классах, оснащённых записывающей аппаратурой, и в процессе его проведения могут принимать участие родители (заменяющие их лица)абитуриента, не препятствуя процессу приёма.

30.Протокол конкурса третьего тура, составленный комиссией третьего тура, считается официальным документом для приёма абитуриентов в учреждение высшего профессионального образования.

31.В случае одинакового уровня знаний абитуриентов, преимущество отдаётся круглым сиротам и инвалидам 1-ой и 2-ой групп, обучение которых по выбранной специальности в соответствии с заключением Государственной службы медико-социальной экспертизы Министерства здравоохранения и социальной защиты населения Республики Таджикистан (по представлению необходимых документов) не запрещается.

32.Девушки из отдалённых сел городов и районов по завершении конкурса по приёму абитуриентов в учреждения высшего профессионального образования республики по квоте Президента Республики Таджикистан имеют преимущество перед девушками центров этих городов и районов. В случае получения равных баллов во времяконкурса, для поступления в учреждения высшего профессионального образования республики по квоте Президента Республики Таджикистан преимущество отдается девушке, которая проживает на более отдаленном расстоянии от центра района (города).

33.В случае получения равных баллов юношами во время проведения третьего тура конкурса, для определения победителя данного тура им задаются дополнительные вопросы.

34.Каждый абитуриент имеет право участвовать по одной специальности и в рамках одного учреждения высшего профессионального образования. Абитуриенту, не достигшему необходимых результатов, участие по другой специальности не разрешается.

35.Право участвовать в конкурсе по приему абитуриентов в учреждения высшего профессионального образованияпо квоте Президента Республики Таджикистан имеют только граждане, окончившие среднее общеобразовательное учреждение в том же году. Лица, ранее окончившие средние общеобразовательные учреждения, студенты и выпускники учреждений начального, среднего и высшего профессионального образования не имеют право принимать участие в конкурсе по приёму абитуриентов в учреждения высшего профессионального образования по квоте Президента Республики Таджикистан.

36.В случае вакантности квоты ввиду несоответствия представленных документов или непрохождения третьего тура представленными абитуриентами, проведение повторного тура осуществляется только с условием нового состава абитуриентов с проведением заново первого и второго туров конкурса.

37. Изменение установленных специальностей или перевод установленных квот в другой район (город) запрещается.

38. Абитуриенты (за исключением конкретных служебных случаев), за последние два года переехавшие из городов Душанбе, Худжанд, Бохтар и Хорог в другие города и районы, и окончившие 10-11 классы средних общеобразовательных учреждений этих городов и районов, не допускаются к конкурсу по приёму абитуриентов в учреждения высшего профессионального образования по квоте Президента Республики Таджикистан.

39.Абитуриент в случае несогласия с результатами приёма, в течение десяти дней после объявления результатов конкурса имеет право подать в Министерство образования и науки Республики Таджикистан апелляционное заявление.

40.Распоряжением министра образования и науки Республики Таджикистан создаётся рабочая комиссия по рассмотрению аппеляционных заявлений.

41.Рабочая комиссия в течение семи дней информирует абитуриента о результатах рассмотрения заявления.

42.В случае несогласия абитуриента решением рабочей комиссии, он имеет право обратиться к судебным органам.

## 3. ПОРЯДОК ПРОЦЕДУРЫ ПРИЁМА ПО КВОТЕ ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В УЧРЕЖДЕНИЕ ВЫСШЕГО ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ

43.Абитуриенты, признанные победителями согласно заключению комиссии третьего тура конкурса по приёму в учреждения высшего профессионального образования по квоте Президента Республики Таджикистан, должны до 15 августа представить в приёмную комиссию учреждения высшего профессионального образования в дополнение к документам, указанным в пункте 6 настоящих Правил, аттестат и его вкладыш. В случае непредставления документов в указанный срок в приёмную комиссию, абитуриент не будет зачислен в учреждение высшего профессионального образования. Ответственность за своевременное представление документов возлагается на абитуриента, а ответственность за содействие - на управление (отдел) образования района (города).

44.Победители третьего тура конкурса по приёму в учреждения высшего профессионального образования по квоте Президента Республики Таджикистан не имеют права принимать участие в централизованных вступительных экзаменах посредством Национального центра тестирования при Президенте Республики Таджикистан и государственного учреждения «Центр международных программ». В случае участия, результаты сданных ими экзаменов признаются недействительными.

45.Распоряжения руководителей учреждений высшего профессионального образования о приёме студентов в учреждения высшего профессионального образования республики на основании протокола завершения конкурса по приёму абитуриентов по квоте Президента Республики Таджикистан, представленной Министерством образования и науки Республики Таджикистан,издаются до 20 августа.

46.Учреждения высшего профессионального образования республики представляют Министерству образования и науки Республики Таджикистан письменную справку о результатах приёма студентов в учреждения высшего профессионального образования республики по квоте Президента Республики Таджикистан до 25 августа.

47.Результаты приёма студентов в учреждения высшего профессионального образования республики по квоте Президента Республики Таджикистан рассматриваются в октябре месяце на расширенной коллегии Министерства образования и науки Республики Таджикистан с участием представителей Министерства экономического развития и торговли Республики Таджикистан и других министерств и ведомств, в структуре которых функционируют учреждения высшего профессионального образования.

48.Министерство образования и науки Республики Таджикистан после подведения итогов приема студентов в учреждения высшего профессионального образования по квоте Президента Республики Таджикистан на расширенной коллегии Министерства образования и науки Республики Таджикистан представляет подробный отчёт в Правительство Республики Таджикистан.

## 4. ЗАКЛЮЧИТЕЛЬНЫЕ ПОЛОЖЕНИЯ

49.Учебно-воспитательная и общественная деятельность студентов, принятых в учреждения высшего профессионального образования республики по квоте Президента Республики Таджикистан, ежегодно рассматривается на учёном совете учреждений высшего профессионального образования и для устранения имеющихся недостатков учреждением высшего профессионального образования принимаются конкретные меры.

50.Состояние обучения и условия проживания студентов, обучающихся в учреждениях высшего профессионального образования республики по квоте Президента Республики Таджикистан, находятся под постоянным вниманием руководства учреждений высшего профессионального образования, министерств и ведомств, имеющих в своей структуре высшие профессиональные учебные заведения.

51.Учреждения высшего профессионального образования после каждой зачётной-экзаменационной сессии предоставляют в Министерство образования и науки Республики Таджикистан письменную информацию о деятельности студентов, обучающихся в

учреждениях высшего профессионального образования республики по квоте Президента Республики Таджикистан.

52.Абитуриенты, принятые в учреждения высшего профессионального образования в соответствии с квотой Президента Республики Таджикистан, за исключением случаев, предусмотренных в пункте 53 настоящих Правил, обучаются только на дневных отделениях, не имеют права перевода из одного учреждения в другое, с одной специальности на другую.

53.Студентам, обучающимся в учреждениях высшего профессионального образования республики по квоте Президента Республики Таджикистан, в случаях утраты попечительства в семье, изменения места жительства во время обучения, создания семьи (только для девушек), рождения ребёнка по представлению подтверждающих документов (со 2 курса), перевод на отделение дистанционного обучения по специальности внутри учебного заведения и в случае необходимости их перевод в учреждения высшего профессионального образования вблизи места жительства (в порядке исключения) осуществляется по согласованию с Министерством образования и науки Республики Таджикистан и местными исполнительными органами государственной власти. Студент педагогического уклона после перевода на отделение дистанционного обучения должен заниматься педагогической деятельностью по месту своего жительства.

54.Порядок прибытия к месту работы, обеспечение местом работы, заключение трехстороннего соглашения, документ государственного образца об окончании учреждения студентам, окончившим учреждения высшего профессионально образования республики по квоте Президента Республики Таджикистан, и другие случаи, связанные с ними, осуществляются в соответствии с требованиями, установленными соответствующими нормативными правовыми актами.